Лоиҳаи USAID
оид ба таълими босифат (QLP)

Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф

# Таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ

Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ

Душанбе – 2009

Дастури таълимии мазкур бо дастгирии мардуми Амрико ба воситаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) таҳия ва нашр гардид. Мундариҷаи дастури мазкур дар доираи Creative Associates International (CAI) ва лоиҳаи USAID – оид ба таълими босифат (QLP) баррасӣ шудааст ва муҳим нест, ки мавқеи USAID ва Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро инъикос намояд.

Мураттиб-таҳиягарон: **Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Алиев А.Б., Олимова Ф.К., Зиёев М.Н.,**

Зери назари:
**Абдуллоев И.,** мудири кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ ва томактабии ДҶТИБКМ, номзади илмҳои педагогӣ

Муҳаррир**: Камолиддинов Бахриддин,** доктори илмҳои филологӣ, профессор

Таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ.
Душанбе, 2009. - ___ с.

Дар дастури таълим масъалаҳои асосии санъат ва меҳнат дар ҳамбастагӣ бо дигар фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ баррасӣ шудаанд. Инчунин ниёзмандии омӯзгоронро ба назар гирифта принсипҳои таълими ҳамгироии санъат ва меҳнат дар дастур пурра нишон дода шудааст.

**Мундарича**

| № | Мавзӯъ | Мақсадҳои мушаххас: | Микдо-ри соат |
|---|---|---|---|
| **1** | **Аҳамияти санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ** | То анҷоми омӯзиш иштирокчиён метавонанд:<br>• аҳамияти таълими санъат ва меҳнатро дар синфҳои ибтидоӣ муайян намоянд;<br>• «Махзани асрор»-ро хонда ,бо фикрҳои пешниҳодшудаашон муқоиса намоянд ва хулоса бароранд; | 4 |
| **2** | **Барномаи санъат ва меҳнат, мақсад ва вазифаҳои он** | • барномаи таълими санъат ва меҳнатро аз назар гузаронда, мақсадҳои таълимии онро шарҳ диҳанд;<br>• мақсадҳои таълимиро аз барнома интихоб намуда,барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо фаъолиятҳоро таҳия ва муаррифӣ кунанд; | 4 |
| **3** | **Тайёр намудани шаклҳо аз коғаз ва тасвири онҳо** | • аз рӯйи намуна шаклҳои рӯбоҳ ва хирсро тайёр намуда, онро тасвир кунанд;<br>• аҳамияти ташкил намудани чунин тарзи корро шарҳ диҳанд; | 4 |
| **4** | **Роҳҳои бедор намудани шавқу ҳавас ба санъат ва меҳнат** | • ба саволи пешниҳодшуда аз таҷрибаи кориашон ҷавоб гардонанд;<br>• принсипҳои асосии санъат ва меҳнатро хонанд ва шарҳ диҳанд;<br>• фаъолиятҳоро интихоб намуда, тарзи тадриси онро муаррифӣ намоянд. | 4 |

## Сарсухан

Мақсади басо муҳими низоми таҳсилот омодагии хонандагон ба фаъолияти мустақил ва мутобиқшавии онҳо дар шароити гуногуни тағйирпазири ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ омӯзгор кӯшиш ба харҷ диҳад, ки ҳар як талаба дар синф, дар мактаб малакаҳои иҷтимоии худро инкишоф диҳад. Таълим бояд бевосита ба талаба равона гардида бошад.Омӯзгор вобаста ба қобилият, фаҳмиш ва тафаккури ҳар як хонанда фаъолияташро пеш барад. Дар баробари таълим мувофиқи барнома, инчунин омӯзгор бояд сатҳи инкишофи зеҳниро ба назар гирад ва фаъолияти мувофиқ пешниҳод намояд.

Хонандагони хурдсол на танҳо асосҳои таълими санъат ва меҳнатро бояд омӯзанд, балки барои равнақ додани эҷодкории худ малакаю маҳораташонро инкишоф диҳанд.Барои ин ба омӯзгор мебояд ба шогирдони худ тарзи тайёр кардани мавод ( сохтан, буридан, часпондан, ранг додан, тасвир кардан)-ро омӯзонад, ки мавод ҳам дастрас бошад ва ҳам ба инкишофи зеҳнии ӯ таъсири мусбат расонад. Аҳамият ва зарурати таълими меҳнат ва санъат дар синфҳои ибтидоӣ , муносибату усулҳои тадриси ин фанҳо дар асарҳои педагогҳои барҷаста Коменский Я., Песталотси И., Ушинский К., Дюи Ҷ. Инъикос ёфтааст.

Дастури мазкур ҷанбаҳои усули интерактивиро дар бар гирифта, аз рӯи принсипҳои ҳамгироии санъати тасвирӣ ва таълими меҳнат таҳия гардидааст. Умед дорем, ки истифодаи дастур барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои санъат ва меҳнат манфиатбахш хоҳад буд.

# Тарбияи шавқу ҳавас ба дарси санъат ва меҳнат



**1. Кори фардӣ: Хонед ва ба саволи дар зерин ҷавоб нависед.**

Кӯдак қариб ҳар рӯз барои худ як ҷаҳони нави иҳотакардаро мекушояд. Вай мехоҳад, ин ҷаҳонро ба шахсони наздиктарин изҳор намояд: ба падару модар, хоҳару бародар, модаркалон, бобо, рафиқ ва муаллими азизаш. Ҳама чизи наверо, ки мебинад ӯро ба ваҷд меорад ва ӯ ба воситаи гуфтугӯ, бозӣ, расмкашӣ ва сохтан онро аён менамояд.

Вай қалам гирифта, кӯшиш мекунад, ки чизи медидагиашро ифода намояд. Шавқу рағбат ба расмкашӣ, буридан, часпондан, сохтан дар кӯдакон баравқт пайдо мешавад. Кӯдак мебинад, ки одамони калонсол бо қалам, қоғаз, қайчӣ ва дигар ашёҳо кор доранд, вай ҳам кӯшиш менамояд, ин маводҳоро ба даст гирад.

Қариб ҳамаи кӯдакон расм мекашанд, бо қайчӣ кор мекунанд, аз як шакл шакли дигарро месозанд. Аммо на ҳама рассоми номӣ ва ё устои моҳир мешаванд. Барои ҳамин баъзе калонсолон чунин фикр доранд, ки оё ба ҳама коғазу қалам ва ё қайчию сӯзан додан шарт аст? Шумо чӣ фикр доред?

2. Биёед, яке аз мақсадҳои таълимии «Барномаи санъат ва меҳнат»-ро аз назар мегузаронем.

| **Талабагон дар давоми соли таҳсил бояд китобча ва ё дафтарчаи хотира сохта ва тасвир карда тавонанд;** |
|---|

3. Хонанда бояд кадом малакаҳоро дошта бошад, то ки ба ин мақсади таълим бирасад? Барои инкишоф додани ин малакаҳо ӯ бояд кадом амалҳоро иҷро намояд?

4. Агар хонанда фаъолиятҳои зеринро иҷро карда тавонад, ба ин мақсади таълим ноил мегардад.

| **Фаъолияти тавсияшаванда** |
|---|
| Оид ба шакл ва сохти китобча маълумот дода тавонанд;<br>*Кор бо китобчаҳо (масалан, китобҳои дарсӣ). Саволҳо: Китоб аз чӣ сохта мешавад? Он аз кадом қисматҳо иборат аст? Шаклаш чӣ гуна аст? ва г.* |
| Қоғаз ва рангҳои мувофиқ интихоб карда тавонанд;<br>*Сӯҳбат дар бораи навъҳои когаз ва рангҳои гуногун. Саволҳо: Китобро аз кадом навъи қоғаз сохтан мумкин аст? Кадом рангҳо бештар истифода мешаванд? ва г.* |
| Шакли китобча ва ё дафтарчаи хотираро сохта ва тасвир карда тавонанд<br>*Чунин амалҳоро иҷро карда тавонанд;*<br>– *якчанд варақи ҳаҷмаш якхела гиранд;*<br>– *онҳоро болои ҳам гузошта, дуқат намоянд;*<br>– *аз мобайн бо сӯзану ришта дӯзанд;*<br>– *дар ҳар як саҳифа ҳошия кашанд;*<br>– *муқоваи китобчаро тайёр намоянд;*<br>– *мувофиқи хоҳиши худ номгузорӣ* кунанд;<br>– *мувофиқи ба номи китобча саҳифаҳои онро ороиш диҳанд;*<br>– *саҳифагузорӣ кунанд;* |

5. **Кор дар гурӯҳҳо:** Хонед ва яке аз мақсадҳои таълими барномаро интихоб карда, дар асоси намунаи боло барои татбиқ намудани ин мақсад фаъолиятҳоро таҳия кунед.

**Талаботи барнома (ихтисоран)**

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **Тасвир ва сохтани маснуот аз асл.** Номгӯйи тахминии маснуот: парчам, армуғонҳои ороишӣ, бозичаҳои кӯдакона, аробача, қатора, бодбарак, нақшу нигор бо шаклҳои геометрӣ, аёният барои дарсҳои забони модарӣ ва математика. | **Тасвир ва сохтани маснуот аз асл.** Номгӯйи тахминии маснуот: парчами Тоҷикистон, лифофаҳо, шаклҳои геометрӣ, тасмачаҳо, мизу курсӣ, лонаи паррандагон, дафтарча, ҳарфҳои чопӣ, гилемчаи одӣ, амсилаи (макети) дарахтони мевадор ва ғ. | **Тасвир ва сохтани маснуот аз асл.** Номгӯйи тахминии маснуот: дафтарчаи кисагӣ, қуттиҳо, мизу курсӣ, лонаи парандагон, шаклҳои геометрӣ, муқоваи китоб, албом, ҷувздон. | **Тасвир ва сохтани маснуот аз асл.** Номгӯйи тахминии маснуот: абак барои фанҳои таълим, шакли ҳарфҳои чопӣ, қуттиҳо, дафтарчаи хотирот, крани борбардор, мошини боркаш, парандагон ва лонаи онҳо, бешазор, боғ, шохаи гул ва кӯза, чароғаки роҳнамо, амсилаи майдони бозӣ, маҳаллаи мо. |
| **Ороиши нақшу нигор, кор бо матоъ.** Маълумот дар бораи истеҳсоли матоъҳо, навъу намуди он. Корҳои амалӣ: дӯхтани тугма, маснуоти шаклан росткунҷа, тасвир ва дӯхтани рӯймолча, сачоқ, тӯҳфаҳо, нақшдӯзӣ. | **Ороиши нақшу нигор, кор бо матоъ.** Такмил додани тасаввуроти бачагон оид ба намудҳои композитсияи сарбастаи нақшу нигор дар санъати тасвирӣ. Корҳои амалӣ: дӯхтани тугма, баровардани шилшила аз матоъ, дӯхтани давра ва нимдавра дар рӯйи матоъ. | **Ороиши нақшу нигор, кор бо матоъ.** Маълумот оид ба касби дӯзандагӣ. Шиносоӣ бо мошинаҳои дастӣ. Тайёр намудани маснуот, гулдӯзии рӯймолча, сачоқ, дастархон. Либос барои зоча. Халтачаҳо барои тухмиҳо. Гулдӯзӣ дар рӯйи матоъ. | **Ороиши нақшу нигор, кор бо матоъ.** Такмили маҳорати эҷодкорӣ. Тасвири ороиши идона. Шиносоӣ бо кори рассомон, бинокорон ва конструкторон. Номгӯйи дарзҳо ва маснуоти тасвиршаванда: либос барои зоча, рӯймолча, сачоқ, дастархон, гул ва шаклҳои геометрӣ дар рӯйи матоъ, халтачаҳо барои тухмӣ. |
| **Тасвир ва сохтани маснуот мувофиқи мавзӯъ. Корҳои омехта.** Тасвир ва сохтани маснуот аз рӯйи мавзӯъ дар асоси мушоҳида. Дар рӯйи варақ калонтар тасвир кардани асоси ашёҳои ба ҳам наздику баробар. Сӯҳбат дар мавзӯъҳои тартиби тасвиру сохтани зарфҳо. Номгӯйи тахминии ашёи сохташаванда: | **Тасвир ва сохтани маснуот мувофиқи мавзӯъ. Корҳои омехта.** Тасвир аз рӯйи мавзӯъ дар асоси мушоҳидаҳо, инчунин аз рӯйи мазмуни афсонаҳо. Номгӯйи маснуоти сохташаванда: арчаи солинавӣ, тӯҳфаҳо бахшида ба рӯзҳои таърихӣ, бозичаҳо, шакли заврақча, мизу курсӣ ва монанди инҳо. | **Тасвир ва сохтани маснуот мувофиқи мавзӯъ. Корҳои омехта.** Тасвири расм аз ҳаёти гирду атроф, манзараи деҳа дар асоси мушоҳида. Ҳангоми иҷрои амал аз расм ва нусхаи нимтайёри шакли ашёи додашуда истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Ҳангоми сохтани шакли парранда аз чалғӯза,чӯбчаҳо , пластилин,пӯчоқи | **Тасвир ва сохтани маснуот мувофиқи мавзӯъ. Корҳои омехта.** Тасвир аз хотир ва тасаввур дар мавзӯъҳои «Истироҳатгоҳи мактаббачагон», «Манзараи кӯҳсор», «Сулҳ дар ҷаҳон», «Парвоз ба кайҳон», «Манзараи чарогоҳ», «Бозиҳои зимистона», «Ҷамъоварии ҳосил», «Тиллои сафед», «Дунёи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| бозичаҳои арчаи солинавӣ, гилемча, шакли ҳайвонту паррандагон, мизу курсӣ, аробача ва манзараҳои афсонавӣ, асбобҳои аёнӣ барои дарсҳои фаннӣ. | | тухм,пари паррандагон ва шакли нимтайёри асбоб истифода мешавад. | ҳайвонот», «Парвози паррандагон», «Мак-таби ман», «Манзараи баҳор», «Чашма дар кӯҳсор». Усулҳои ороиши маснуоти додашуда ба тариқи апликатсия, рангубор ва кандакорӣ. |
| **Моделсозии техникӣ.** Маълумот доир ба қисмҳои мошинҳо ва васли онҳо. Корҳои амалӣ: кор бо конс-труктор ва тарзи ороиш аз рӯйи нақша. Аз маводи табиӣ сохтани моделҳои гуногун-шакл, ҳавопаймову парашют ва ғ. Номгӯи тахминии ашёи сохташаванда: шакли ҳарфҳои чопӣ,чӯбчаҳои математикӣ, мошин, крани борбардор, нардбонча, завракча, хоначаи одӣ, лонаи паррандагон. | **Моделсозии техникӣ.** Роҳҳои сохтани маснуоти гуногун аз куттичаҳои чӯбин ва тунукагин дар асоси расм ва нусхаи ним-тайёри онҳо. Маълу-моти техникӣ оид ба коркарди (истеҳсоли) мошинҳо,трактор, ҳавопаймо, заврақ. | **Моделсозии техникӣ.** Маълумот дар бораи қуттиҳои чӯбин ва пласмассӣ (аз рӯйи расм), тарзи сохта шудани онҳо. Ҷобаҷогузории қисмҳои додашуда ва қисмҳои тайёр мувофиқи нусха. Номгӯйи тахминии маснуоти сохташуда: табрикнома, мошин ва аробачаҳои одӣ, хонача ва мизу курсӣ, крани борбардор, чароғаки роҳнамо, амсилаи қатора ва кайҳон. | **Моделсозии техникӣ.** Маълумот доир ба истеҳсоли мошинаҳои дарздӯзӣ, мошинҳои сабукрав, крани борбардор, корхонаҳои бофандагӣ, корҳои кишоварзӣ, фермаҳои чорводорӣ ва мурғ-парварӣ (аз рӯйи расм). Номгӯйи маснуот: аробачаи одӣ, крани борбардор, ракета, сабадча, бозичаҳо барои ороиши арчаи солинавӣ, шакли паррандагон ва ҳайвонот. |
| **Корҳои кишоварзӣ.** Малакаю маҳорати меҳнатии хоҷагидорӣ ва тартиби нигоҳ доштани тухмиҳо. Корҳои амалӣ: сабзондани қаламча, нигоҳу-бини зироат, сабзавот ва меваҷот. | **Корҳои кишоварзӣ.** Тарзҳои аз қаламча баровардани реша дар об ва хок. Аз рӯйи сабза шинохтани растаниҳо. Ба кишт тайёр намудани замин: пору рехта нарм кардани он. | **Корҳои кишоварзӣ.** Тайёр намудани гулдон, хок ва пору барои кӯчат кардани рустаниҳо. Шинондани гулҳои решадор дар гулдонҳо ва парвариши онҳо. Кашидани чӯяк ва коштани тухмиҳо. | **Корҳои кишоварзӣ.** Шинос намудани хонандагон (дар асоси расму сурат) бо қабатҳои хок, тарзҳои ҳосилхез кардани замин. Дар гулдон шинондани гул ва бутагулҳои хонагӣ. |

**6. Кори амалӣ:**

**Сохтан ва тасвир кардани шакли хирс:**

1. Аз қоғаз шакли квадратро буред.
2. Кунҷҳои ишорашударо ба хати мобайн қат кунед.



3. Онро дуқат кунед.



**4.** Хатҳои ёрирасонро кашед.



**5.** Кунҷҳои ишорашударо ба дарун қат кунед.



**6.** Рӯй ва гӯшҳояшро тасвир карда буред.

**7.** Пойҳояшро тасвир намуда, сипас буред.
**8.** Сарашро ба пеш тобонед ва чеҳраашро кашед.





9. Аз рӯйи шакли сохтаатон онро тасвир намоед.

**Махзани асрор**

**Санъат ва меҳнат ба хонандагон дар инкишофи**

- фаҳмиш ва дарки эстетикӣ (зебопарастӣ);
- ташаккули маҳорати ба вуҷуд овардан
- ҳисси зебопарастӣ (ҳис кардани шакл, ранг, асари тасвирӣ);
- мустақил кор кардан, ба як кор банд будан;
- донистани асбобҳои рассомӣ (фломастер, қалам, мӯқалам) ва сифати онҳо;
- дар асоси пайдо шудани тасаввурот оид ба ашёҳо истифодаи штрих, раҳҳо, нақша, сохтани шакли асосии ашё;
- мушакҳои даст;
- узви биноӣ;
- луғатомӯзӣ;
- тахаюлот;
- хотир;
- фикр кардан;
- муқоиса кардан;
- ҷамъбасткунии оддӣ;
- таҳлил;
- баҳо додан (арзёбӣ кардан) **ёрии калон мерасонад.**

**Сохтан ва тасвир кардани шакли рӯбоҳ.** (*Рӯбоҳ аз ду квадрат сохта мешавад. Як квадрат аз квадрати дигар сеяк маротиба калон аст*). Квадратҳоро бо чунин тарз қат кунед:

– чунон қат кунед, ки шакли зерин ҳосил шавад;

– қисми мобайнро ба дарун қат кунед;



Ҳамин тавр, сари рӯбоҳ тайёр шуд. Аз квадрати нисбатан калонтар бадани рӯбоҳро тайёр кунед. Бо ҳамон тартибе, ки сарашро сохта будед.



- сар ва бадани рӯбоҳро бо ширеш пайваст кунед;
- акнун думи рӯбоҳро омода кунед.
- Барои ин 8 то тасмаи қоғазини бо ҳам баробарро гиред;
- онҳоро аз рӯйи хатҳои ишорашуда бо ширеш часпонед;.
- бо қайчӣ аз рӯйи хатҳои ишорашуда то мобайн буред;
- гирду атрофи буридашударо бо дастатон тит кунед;
- думи тайёркардаатонро ба тани рӯбоҳ часпонед;
- чашм ва фуки рӯбоҳро оро диҳед (кашед);
- аз рӯйи шакли ҳосилшуда онро тасвир кунед;



**Кори гурӯҳӣ.** Хонед ва барои дигарон муаррифӣ намоед.

***Агар кӯдак ба расмкашӣ шавқ надошта бошад, чӣ бояд кард?***

Расмкашӣ барои кӯдак аҳамияти калон дорад. Дар баъзе мавридҳо омӯзгорон (одамони калонсол) аз кӯдакон талаб мекунанд, ки расми кашида бояд айнан ба асл монанд бошад. Ин муносибат шавқи кӯдаконро нисбат ба расмкашӣ кам мекунад. Кӯшиш кардан даркор аст,ки кӯдак ба расм кашидан шавқ надошта бошад, ӯро бояд ба ин кор ҳавасманд кард ва дар натиҷа вай аз кори худ илҳом мегирад.

Барои ин корро иҷро кардан аввал ба ӯ шароит фароҳам оварем, яъне ҷойи мувофиқ, маводи расмкашӣ ва муносибати хубро дар назар дорем. Масалан барои кашидани расм барои хонандагон (кӯдакон) коғази сафеди тоза ва фломастер (қалам) диҳед. Ба ӯ имконият диҳед,фломастерро аз болои варақ гузаронад. Амали иҷрокардаи ӯро бо чунин суханон дастгирӣ намоед. *«Ана, ту чӣ хел зебо кашидӣ! Офарин! Ана акнун худат мустақилона машқ кардан гир».* Кӯдак аз ин кор хурсанд мешавад.

***Барои хонандагони хурдсол барои расм кашидан ба ҷойи қалам фломастер додан хубтар аст. Барои чӣ?***

| Фломастер | Қалам |
|---|---|
| Серранг аст.<br>Дар варақ ранг хуб аён аст.<br>Заҳмати ночизро талаб мекунад.<br>Даст монда намешавад.<br>Намелағжад. | Дар варақ хуб аён нест.<br>Ранги паст дорад.<br>Заҳмати бештарро металабад.<br>Зуд мондагӣ ҳис мешавад.<br>Аз даст мелағжад.<br>Зуд мешиканад. |

**Агар хоҳед, ки хонандагон тасвир ва сохтани ягон ашёро ёд гиранд принсипҳои зеринро ба назар гиред:**

**1. Пеш аз тасвир ва ё сохтан** *ба хонандагон имконият диҳед, ки байни худ оид ба мавзӯи пешниҳодшуда сӯҳбат кунанд. Агар кашидан ва сохтани ягон ашё бошад, ин ашёро дар назди онҳо гузоред, то ин ки онҳо ламс кунанд, ранг, шакл ва хусусиятҳои онро муайян кунанд. Масалан, барои тасвир ва сохтани шакли меваю сабзавот, навъҳои гуногун (себ, нок, картошка, пиёз ва г)-ро дар наздашон гузоред, то ки имконияти интихоб кардан дошта бошанд.*

**2. Ҳеҷ вақт аз хонанда кашидани расм ва ё сохтани ягон чизи мушаххасро талаб накунед,** зеро *ин метавонад тахайюлоти ӯро нобуд созад ва ӯро ҳамчун як шахси қолабиии ба эҷодкорӣ ноқобил тайёр кунад.Бисёр хуб мебуд, агар ба ӯ усулҳои гуногуни корро бо мавод нишон диҳед ё имкон диҳед, ки расми шаклҳои гуногунро созад ва ё тасвир намояд. Дар натиҷа ӯ расмҳои гайриоддиро мекашад, ки ба расми ашёи дигар кас монанд набуда, ҷиҳати ба худ хос дорад. Инчунин шаклеро созад, ки ӯ ин ашёро чунин дидан мехоҳад. Ӯро барои кашидан ва сохтани ашёҳои гайриоддӣ дастгирӣ намоед, то тахайюлоташ (фантазия)инкишоф ёбад. Дастоварди кӯдакро дар қатори дигар дастовардҳо намоиш диҳед.*

**3. Кори хонандаро танқид накунед,** *ӯ ҳанӯз пурра инкишоф наёфтааст. Ӯ ,чи тавре ки метавонад, ҳамон хел тасвир мекунаду месозад ва ӯ ин корро аз сидқи дил иҷро мекунад. Агар шумо ӯро ҳар дафъа* ***танқид*** *кунед, ӯ метавонад тамоман аз ин амал даст кашад. Хеҷ вақт кори ӯро ислоҳ накунед, ин кор низ ӯро* ***меранҷонад, зеро ин норасоии кори*** *вайро нишон медиҳад. Кори ӯро арзёбӣ намоед (дар баъзе мавридҳо падару модар ё муаллимон чунин амал мекунанд, баъдан расмро ба дигарон ҳамчун дастоварди ӯ нишон медиҳанд), ки ин хатост.*

**4. Ба хонанда имкон диҳед, ки ба кори худ баҳо дода, онро такмил диҳад.** Барои ин ба муаллим лозим аст, ки барои беҳтар шудани корҳои ӯ маслиҳатҳо пешниҳод намояд. Гуногунзеҳнӣ ва қобилияти хонандаро ба назар гирифта меъёрҳо тартиб диҳед.

Оё шумо бо принсипҳои додашуда розиед?

**5. Кори гурӯҳӣ.** Яке аз фаъолиятҳоро интихоб намоед ва ба дигарон ба таври амалӣ намоиш диҳед.

**Сохтан ва тасвири гилемчаи оддӣ.**

- се навъи қоғази ранга гиред (ду навъи он нисфи навъи сеюм бошад);
- коғазеро, ки калонтар аст, дуқат намоед;

*расм оварда мешавад.*

- аз рӯйи хатҳои ишорашуда онро бурида, якчанд вараqи ҳаҷмашон якхеларо гиред;

*расм оварда мешавад.*

- ду навъи дигарро ба шакли тасма буред;

*расм оварда мешавад.*

- тасмаҳоро бо навбат аз рӯйи шакли нишон додашуда гузаронед;

**Намунаи баъзе расмҳо, ки барои инкишофи зинаи аввали расмкашӣ ба хонандагон ёрӣ расонда метавонад:**

**Кашидани расми арча ва сохтани он**



**Кашидани расми дарахт ва сохтани он**



**Кашидани расми мошинча ва сохтани он**



**Кашидани расми сангпуштва сохтани он**



**Кашидани расми чӯча, хурӯс ва сохтани он**



**Кашидани расми гӯсфанд, хорпушт ва сохтани он**





**Кашидани расми фил ва сохтани он**



**Кашидани расми парранда ва сохтани он**



**Кашидани расми харгӯш ва сохтани он**



**Кори дунафарӣ**. «Махзани асрор»-ро хонед ва гӯед, ки аз маводҳои камарзиш чӣ гуна маводҳо тайёр намудан мумкин аст?

**Махзани асрор**

*«Маводи камарзиш ё умуман беарзиш дар гирду атрофи мо ниҳоят зиёд аст. Мутаассифона, мо аз онҳо дар ҷараёни дарс истифода намебарем. Инак, муаллимони арҷманд, шумо медонеду дави аспатон: мавод ҷамъ биёред, қуттиҳо ва корҳои гурӯҳӣ ташкил намоед ва эҷодкорона татбиқ намоед, ки омӯзгорӣ худ эҷодкорист».*

***Академик М. Лутфуллоев.***

**Маводҳо аз Қуттии фаъолият:**

***Сохтани мавод барои дарси забони модарӣ ва математика.***

Сохтани **«Ҳиҷо ва расмҳои пароканда».** Барои омода сохтани ин мавод ба шумо коғаз, картон, қаламҳои ранга лозим мешаванд. Тарзи омода сохтани мавод:

1. Расмеро дар коғаз кашед. (масалан, расми офтоб).




2. Онро ранг кунед.
3. Расми кашидаатонро ба рӯйи картон часпонед.
4. Онро ба ду қисми дилхоҳ ҷудо намуда, буред.
5. Дар зери ҳар як қисм як ҳиҷо нависед. (масалан, расми гул ва калимаи ки - тоб).

Ин маводро бо мақсади хондан истифода кардан мумкин аст. Якчанд ҳиҷо ва расмҳои парокандаро ба хонандагон пешниҳод кунанд, хоҳиш намоед, ки расм ва калимаҳо пайдо намоянд. Гӯянд, ки расми чиро пайдо карданд. Дар бораи он чиҳо медонанд. Калимаи пайдо кардаашонро хонанд. Миқдори ҳиҷо ва ҳарфу овозҳои ин калимаро муайян намоянд.

Сохтани маводи таълимии **«Калима созед»**. Барои омода сохтани ин мавод ба шумо қуттии шоколади холишуда, сарпӯшҳои зарфҳои нӯшокӣ, коғази сафед лозим аст. Онро бо чунин тарз созед:

- қоғазро мувофиқи андозаи сарпӯш даврашакл буред;
- ба болои сарпӯш ширеш намоед;
- дар болои қоғази ширешшуда ҳиҷоҳои алоҳидаро нависед;
- онҳоро дар даруни ҳар як хоначаи қуттии шоколад бетартибона ҷой диҳед;

Ҳамин тавр, метавонед ин маводро барои ҳар як гурӯҳ яктогӣ омода намоед.

Дар болои сарпӯшҳо метавонед ба ҷойи ҳиҷоҳо ҳарфҳо бо мақсади ҳиҷо сохтан, калимаҳо бо мақсади ҷумласозӣ ва ё дар дарсҳои математика рақамҳоро бо мақсади омӯхтани ададҳо нависед.




Сохтани маводи **«Буратино савол медиҳад».** Ин маводро дар дарсҳои математика истифода бурдан мумкин аст. Онро бо чунин тарз сохта метавонед:

- дар варақи калон расми Буратиноро кашед (танҳо дастҳояшро накашед);
- дастҳояшро дар варақи дигар кашед;
- дастҳои кашидаатонро бурида гиред;
- дастҳои буридаатонро ба тани Буратинои пешакӣ кашидаатон бо риштаю сӯзан дӯзед;
- ба нӯги ангуштонаш ба андозаи 30-35 см риштаро часпонед;
- дар гирду атрофи Буратинои тайёркардаатон даврачаҳо кашед;
- дар дохили даврачаҳо рақамҳоро аз 1 то 10 нависед (дар дохили як давра як рақам);




Буратино бо дастҳои ҳаракаткунандааш метавонад ба хонандагон савол диҳад. Вале дастҳои ӯро ягон хонанда ва ё муаллим ба ҳаракат медарорад. Масалан, муаллим метавонад дасти чапи Буратиноро ба рӯйи рақами 9 ва дасти росташро ба рӯйи рақами 1 гузошта, чунин савол диҳад: «Суммаи ададҳои 9 ва 1 ба чанд баробар мешавад?»

Муаллим метавонад бо ёрии ин мавод диктанти математикӣ гузаронад. Инчунин дар дарсҳои забони модарӣ ба ҷойи рақамҳо ҳарфҳо ва ё ҳиҷоҳоро навишта, истифода кардан мумкин аст.

Сохтани маводи **«Шукуфон шав».** Ин маводро дар дарсҳои забони модарӣ, математика ва табиатшиносӣ истифода бурдан мумкин аст. Тарзи омода намудани ин мавод:

- 6 -то вараќи калон гиред;
- дар ҳар як варақ шакли як баргаки гулро кашида ,буред;
- аз як вараќи дигар якто доирача буред;
- баргакҳои буридаатонро дар гирди доирача бо ширеш часпонед;
- дар ҳар як баргаки гул як савол ва ё мисол нависед;
- ҳар як баргакро то мобайни доирача оварда, дуқат кунед;

Хонандагон дар давра меистанд. Нафаре яке аз баргакро кушода, саволи дар он навишташударо мехонад ва ҷавоб медиҳад. Ҳамин тавр, баргакҳо як ба як кушода мешаванду гулаки мо шукуфон мешавад.







Сохтани маводи таълимии **«Офтобак».** Ин маводро дар дарсҳои забони модарӣ, математика ва табиатшиносӣ истифода бурдан мумкин аст. Тарзи омода намудани ин мавод:

- аз картон шакли давра буред;
- якчанд тасмаи картонӣ тайёр кунед (ин шўълаҳои офтоб аст).
- дар тасма-шўълаҳо саволҳо ва ё мисолҳоро нависед;

Саволҳо ва ё мисолҳо мувофиқи фан ва мавзўъ интихоб карда мешаванд. Саволҳо бо қалами одӣ навишта мешавад, то ки муаллим тавонад саволҳоро мувофиқ ба фан ва мавзўъ иваз намояд. Хонандагон дар давра истода, шўълаҳоро мегиранд ва бо ёрии ҳамдигар посух медиҳанд. Ҳамин тавр, шўълаҳоро дурахшон менамоянд. «Офтобак»-ро ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳкамкунӣ истифода кардан беҳтар аст,чунки вакт сарфа ва қисми зиёди хонандагон пурсида мешавад. Ҳатто хонандагони сустхон низ имконият доранд, ки аз дигар дўстонашон омўзанд.

Расми офтобак

Сохтани маводи таълимии **«Лотобозӣ»**. Барои тайёр кардани ин мавод ба мо як қуттии холишудаи торт (шаффоф бошад), якчанд тўбчаҳои холишудаи шоколади «Киндер» ва қоғазу қаламҳои ранга лозим аст.




- қуттии тортро аз як тараф ба шакли чоркунҷа сўрох кунед.
- ба ду тарафи тўбчаҳои киндер қоғаз часпонед.
- ба рўйи коғазҳои часпондашуда метавонед барои фанни математика ададҳо ва барои дарси забони модарӣ ҳарфҳо нависед.
- тўбчаҳои тайёршударо ба даруни қуттии торт ҷой диҳед.

Ин маводро дар дарси математика метавонед бо мақсади ташаккул додани

малакаҳои ҳисоббарорӣ истифода намоед. Хонандае қуттии дар дарунаш тӯбчаҳо доштаро мегирад ва, то даме ки аз сӯрохии он тӯбчае берун мешавад, онро дар дасташ давр мезанонад. Тӯбчаи беруншударо аз рӯйи рақамҳои дар ду тараф навишташуда супоришро иҷро мекунад. Масалан, супориш чунин гузошта шудааст: аз адади калон адади хурдро тарҳ кунед. Агар дар як тарафи тӯбча адади 7 ва дар тарафи дигари тӯбча адади 3 навишта шуда бошад, хонанда бояд аз адади 7 адади 3-ро тарҳ кунад (7-3=4)….

Сохтани маводи таълимии **«Сабзичинӣ».** Барои сохтани ин мавод ба мо картон, қаламҳои ранга ва коғаз лозим аст.

- аз картон якчандто шакли сабзӣ буред;
- онро ранг кунед;
- дар тарафи ранг нокарда мисол ва ё савол нависед;
- онҳоро дар ягон қуттӣ ҷо кунед;
- барои ҳар як гурӯҳи хурд яктогӣ расми харгӯш кашед;
- ба тани харгӯш ҳамчун кисача қоғазеро часпонед.



Ҳар як гурӯҳ сабзиеро гирифта, супориши онро иҷро менамояд. Пас аз он ин сабзиро ба кисачаи харгӯшаки гурӯҳи худ мегузоранд. Ҳамин тавр, то тамом шудани «сабзиҳо» ин амалро идома медиҳанд. Дар охир сабзиҳои ҳар як гурӯҳ ҳисоб карда, ғолиби ин фаъолият муайян карда мешавад. Ғолиб ҳамон гурӯҳе аст, ки сабзиҳои зиёдтар доранд.




Тайёр намудани гӯшаи **«Қоидаҳои тиллоӣ».** Ҳамаи мо, омӯзгорон кӯшиш менамоем, ки хонандагон дар синф фаъол бошанд ва ба интизом риоя кунанд. Барои амалӣ кардани ин мақсад яке аз усулҳои он қабул кардани «Қоидаҳои тиллоӣ» дар синф бо иштироки худи хонандагон мебошад. Мо метавонем дар дарсҳои аввал пас аз пурсон шудани «Муқаддасоти миллӣ», мафҳумҳои «Ватан ва кишвар», «Қоидаҳои тиллоӣ»-ро қабул кунем. Худи хонандагон якчанд қоидаҳоро пешниҳод менамоянд. Он қоидаҳо дар қоғази калоне, ки дар шакли баргҳо ва гулҳо тасвир шудаанд, навишта мешаванд. Тайёр кардани намунаи «Қоидаҳои тиллоӣ» ба эҷодкории муаллим вобастагӣ дорад. Масалан, дар ҳар як барги гул ва ё меваҳо як қоидаи тиллоиро навиштан мумкин аст. Барои риоя накардани қоидаи тиллоӣ аз тарафи хонандагон ҷарима муқаррар карда шудааст, ба монанди хондани шеър, чистон, зарбулмасал, рақсу суруд ва ё хонандае, ки Қоидаи тиллоиро риоя намекунад, бояд ба назди қоида рафта, се бор таъзим карда, «Бубахшед!» гӯяд.

Тайёр намудани гӯшаи **«Салом, ман омадам!».** Ин гӯша бо мақсади ҳозиру ғоиб кардани хонандагон тайёр карда мешавад. Ба воситаи гӯшаи **«Салом, ман омадам!»**

муаллим метавонад вақтро сарфа намояд. Хонандагон бошад, ҳаракат мекунанд, ки аз дарс дер намонанд. Шакл ва сохти ин гӯшаро ҳар як муаллим метавонад,бо хости худ омода намояд. Намунаи тайёр кардани гӯшаи мазкур чунин аст:

- дар як варақи калони сафед расми харгӯшакро кашед;
- дар зери расм мувофиқи шумораи хонандагон кисачаҳои даврашакл кашед;
- дар ҳар як кисача номи хонандаеро нависед;
- аз картон мувофиқи шумораи хонандагон шакли сабзиро кашида буред ва ранг кунед.

Ҳар як хонанда, ба синф ки даромад, сабзичаеро гирифта, дар кисачае, ки номаш навишта шудааст, мегузорад. Аҳли синф ки ҳозир шуд, аз рӯйи кисачаҳои бе сабзӣ монда шахсони дар дарс иштироккнадошта муайян мешаванд. Ҳамин тавр, муаллим вақти худро барои ҳозиру ғоиб кардан аз рӯйи журнали синф сарфа мекунад.



**Кори гурӯҳӣ**. Намунаи нақшаи дарсиро аз назар гузаронед. Аз талаботи барнома якеро интихоб намуда, аз рӯйи намуна нақшаи дарсӣ тартиб диҳед.

**Нақшаи дарс барои дарси санъат ва меҳнат дар синфи якум**

Мақсад: Мувофиқи асл тасвир кардани ашёҳо аз қоғази ранга буридани шакли ашё.

| Мақсади мушаххас: То охири машғулият хонандагон бояд тавонанд: | Мундарича | Усули кор | Масъалагузорӣ | Зина |
|---|---|---|---|---|
| • Ашёҳое,ки дар дарси саъат ва меҳнат лозиманд, номбар кунанд.<br>• Барои ашёҳо чойи мувофиқ муайян намоянд | Кашидан ва сохтани шакли арча | Саволу ҷавоб | . Барои дарси санъат ва меҳнат барои мо кадом ашёҳо лозим мешаванд? Коғази ранга, қайчӣ, қаламҳои ранга…….. | Дониш |
| • Хусусиятҳои арчаро шарҳ намоянд | Сӯҳбат | Кори инфиродӣ. дунафара | Шумо дар бораи арча чиро медонед? Фикрҳои худро дар варақчаҳо нависед.Бо рафиқатон муқоиса намоед | Фаҳ-миш |
| • Шакли арчаро тасвир намоянд. | Тасвир кардани арча | Кори фардӣ | Намунаҳоро аз назар гузаронед ва шакли арчаро тасвир намоед. | Исти-фода |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| • Аз рӯйи шаклҳо сохти арчаро тартиб диҳанд.<br>• Шаклҳоро бурида, дар коғаз часпонда, ороиш диҳанд | Пайдарҳам гузоштани мавод. Таҷрибаи азхудкарда. | Кори гурӯҳӣ | • Шаклҳоро ҳисоб кунед. Монандӣ ва фарқи ин шаклҳоро аз назар гузаронед. Аз шаклҳои додашуда шакли арчаро созед.<br>• Коғазҳои рангаро гирифта, шаклҳро дар болояш монда, бо қалам гирди ин шаклро кашида, буред. Баъди буридан ин шаклро дар қоғази ранга мечаспонед. Ҳар як гурӯҳ мустақилона мувофиқи хоҳиш гирду атрофи онро ороиш медиҳад | Таҳлил |
| • Кори иҷрокардаашонро муаррифӣ намоянд | Натиҷаи кор | Кори гурӯҳӣ | Ҳар як гурӯҳ доир ба кори иҷрокардааш маълумоти мухтасар медиҳад. . | Баҳо додан |
| • Намунаҳои дигарро ба монанди ин кор иҷро карда тавонанд. | Мақсади натиҷа | Фардӣ | Мустақилона намунаҳои дигарро эҷод карда муаррифӣ намоянд. | Эҷод кардан |

Қоидаҳои бехатарӣ ва гигиенӣ:

- батартиб гузоштани асбобу анҷом;
- дар вақти истифодаи ранг тозагиро риоя кардан;
- эҳтиёткорона истифода кардани қайчӣ ( ба рафиқ наздик нашудан, аз чашм дур гирифтани қайчӣ…);
- самаранок истифода кардани коғаз;
- тоза кардани ҷойи кор баъди анҷоми машғулият.

**Замима**
**Барои таълим додани маҳорати рассомӣ**
**кадом усулҳо ва маводро истифода бурда метавонед?**

**«Модари ман»**

Хуб аст ба худи одам нигоҳ карда ё хаёлан расми касе ё чизеро кашидан бо истифода аз асл ва аз тахайюлот (объект барои ин аъзоёни оила, хешу табор ва рафиқон шуда метавонанд). Ба сифати маводи ёрирасон дар ин кор сурат ё ки баъзе тавсифоти зоҳирии онҳо шуда метавонад. Онҳо метавонанд суратҳоро гирифта аз назар гузаронанд. Баъдан дар хусуси ин суратҳо сӯҳбат мекунанд. «Хоҳарчаи Шаҳноза чӣ гуна аст? Мӯйҳои вай чӣ гунаанд? Вай мӯяшро чӣ хел бофтааст? Куртаи дӯстдоштааш чӣ гуна ранг доштааст? Табассумаш чӣ?" Баъд ҷараёни эҷодкорӣ оғоз мегардад. Пас аз чанд дақиқа ба хотир оварда, расми хоҳарчаро мекашад.

Вақте ки суратҳо ҷамъ мешаванд, метавонед намоиши «Дӯстон ва хешу табори наздики ман» баргузор кунед.

Муаллим дар лавҳи синф гурӯҳи ашёҳоро мекашад, ба хонандагон супориш медиҳад, ки ашёи зиёдатиро (номувофиқ) ҷудо кунанд. Баъди ёфтани ашё расми онро мекашанд.

**Кашидани расми худ ва бозичаҳои дӯстдоштаи ман**

Расмкашӣ аз рӯйи асли ашё (натура) маҳорати мушоҳида карданро инкишоф медиҳад. Дар ин ҷо эҷод кардан не, балки тасвир кардани ашё аз рӯйи қоидаи рассомӣ,аз ҷиҳати шакл ва ранг шабоҳат пайдо кардани расм ба асли ашё аст.. Пешниҳод намоед, ки аввал ба оина нигоҳ карда, расми худро кашад. Бояд якчанд бор ба оина нигоҳ кунад. Баъдан ягон ашёи дӯстдоштаашро интихоб кунад. Ин мумкин лӯхтакча, мошинча ё дигар ашё бошад. Муҳимаш он аст, ки вай бояд бодиққат мушоҳида кунад ва узвҳои ҷудогоаи онро бо ҳам муқоиса намояд. Як чизи дигар, агар кӯдак аз асл дур равад, вай як чизи дигарро аз худ илова мекунад, ки дар натиҷа як намуди дигар пайдо мешавад. Шумо аз ин ташвиш накашед. Кӯдакро таъриф кунед: «Ту имрӯз як мошинчаи дигари навро кашидӣ! Мумкин ба ту ин хел мошинча маъқул бошад? Ту ҳамин хел мошинча мехоҳӣ?» Лекин дар охир пурсидан даркор: «Мошинчаи кашидаат аз мошинчаи аслӣ чӣ фарқ дорад?»





Муаллим дар лавҳи синф расмҳои нотамомро мекашад. Хонандагон якеашро интихоб намуда, давоми онро мекашанд. Муаллим дар охир расми пурраро нишон медиҳад ва хонандагон бо расми кашидаи худ муқоиса мекунанд.





1 2

Муаллим якчанд доирачаи ҳарф навишташударо ба хонандагон пешниҳод мекунад. Онҳо доирачаҳоро тавре ҷо мекунанд, ки дар он номи ашёи тасвиршуда пайдо мешавад (табрикнома).



Замима

**Ороиш додани нақшу нигор.**

1. Аз коғази чиндори ранга квадратчаҳои тарафаш 1 см (ё зиёдтар)  доштаро буред.
2. Дар рӯйи коғази ғафс ва ё картон нақши дилхоҳеро кашед.



3. Дар рӯйи як қисмати хатҳои кашидашуда ширеш молед.



4. Нӯги кунди ручка ва ё қаламро ба рӯйи яке аз квадратчаҳои буридаатон гузоред.



5. Квадратро қат кунед ва дар байни ангуштонатон ручка (қалам)-ро тоб диҳед.



6. Шумо намуди найчаро дар шакли зер пайдо намудед.



7. Онро ба рӯйи ширеш гузоред.
8. Ручкаро берун оред.





9. Ҳар як квадратчаҳоро ба ҳамин тарз омода намуда, пай дар пай дар рӯйи нақши кашидаатон гузоред. Ҳаракат кунед, ки байни найчаҳо ҷойи холӣ намонад.

10. Метавонед, найчаҳоро танҳо дар рӯйи хатҳои кашида гузошта, ороиш диҳед ва ё метавонед дохили хатҳои нақшро ҳам аз найчаҳо пур кунед.

11. Мумкин аст, ки бо чунин тарз замини гирду атрофи нақшро ҳам пур кунем. Дар ин ҳолат шакли гилемчаи мулоим пайдо мешавад.



**Сохтани кубики ороишӣ.**

Барои сохтани ин бозича ба мо 6 варақи ранга (2-3намуд) лозим аст. Хубтараш варақҳои рангаи дутарафа бошанд.Як тарафи варақи формати А4-ро ба шакли секунҷа қат кунед ва буред (чӣ тавре, ки дар расм нишон дода шудааст). Қисми боқимондаи росткунҷашаклро ба як тараф гузоред.




Шашто ҳамин хел шаклро тайёр мекунем (масалан, дутоаш як ранг ва чортояш ранги дигар).

Шакли секунҷаи ҳосилшударо мекушоем ва ҳар як кунҷашро ба тарафи дарун қат мекунем. Чунин шакл пайдо мешавад.




Аз қисми боқимондаи росткунҷашакли ранги дигар квадрат мебурем. Ин квадратро дар мобайни шакли ҳосилкардаамон мегузорем.




Ба тарафи дигар мегардонем ва боз ҳар як кунҷашро ба тарафи дарун қат мекунем.

 

Акнун ҳар як кунчро каме ба тарафи берун қат мекунем. Чунин шакл ҳосил мешавад.

 

Ба қафо мегардонем ва боз ҳар як кунҷашро ба тарафи берун қат мекунем.  Ана, як тарафи кубик тайёр шуд.

 

Бо ҳамин тарз шаш тараф омода мекунем . Аз кадом тарафе, ки қулай бошад, онҳоро бо ҳам мечаспонем.



Ана ҳамин хел шакли кубик пайдо мешавад.



**Сохтани бозичаи солинавӣ**
Аз коғаз шакли давра буред. Сипас онро ба ҳашт қисми баробар чудо кунед. Ҳар як қисмро то хати бо тирча нишондодашуда буред.




Пас аз он ҳар як қисмро ба шакли конус ширеш мекунем. Ана ҳамин хел шакл пайдо мешавад.





Аз ҳамин шакл нӯхто омода кунед. Онҳоро болои ҳам чунон гузоред, ки теғаҳои ҳар як шакл паиҳам оянд. Сипас бо сӯзану ришта онҳоро бо ҳам дӯзед ва дар охир гиреҳ кунеду боқимондаи риштаро барои овехтани ороиш гузоред.




Ана чунин шакли ороишӣ пайдо мешавад.




**Адабиётҳо:**


1. Барномаи таълими «Санъат ва меҳнат» дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе -2008
2. М.Лутфуллоев. асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ . Нашри 2. Душанбе -2007.
3. Тарз ва воситаҳои омӯзиши фаъол (дастури методӣ)
4. Таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ,Абдуллоев И., Алиев А., Каримов Т., Мирзоева Ф., Неъматова М., Зоолишоева Б., модули таълимӣ, «Принт Хаус», Душанбе - 2007
5. http://www.uhtyshka.com.ua/files/polezn/prazdniki/ng/igr_9.h tml
6. http://uhtyshka.com.ua/files/polezn/prazdniki/ng/igr_15.html
7. www.liveinternet.ru/users/vesnula/post84309099/